Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ш. Душанбе, кӯчаи Нахимова 64/14)

**Тақризи**

**муқарризи расмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Хайрзода Шукрулло Қурбоналӣ ба диссертатсияи Нуралиева Дилафруз Камоловна дар мавзуи “Ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07.- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.**

**1. Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.**

Масъалаҳои асосноккунии илмиии рисолаи илмии Нуралиева Дилафруз Камоловна дар шароити имрӯза ба бандҳои зерини Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.07-Молия, муомилоти пулӣ ва қарз: 10.1 – Ташаккули низоми бонкӣ ва инфрасохтори он дар шароити иқтисоди бозорӣ; 10.10 – Инноватсияҳои молиявӣ дар бахши бонкӣ; 10.15 – Коркарди амсилаҳои муайян кардани нархҳо ва арзиши аслии хизматрасониҳо ва амалиёти бонкї; 10.19 – Методология ва механизми ташаккул ва истифодаи захираҳои бонкӣ ва 10.22 – Маҳсулоти нави бонкӣ: намудҳо, технологияи ташкил, тарзҳои татбиқ, мувофиқат мекунад.

**2. Мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ.**

Мубрамии мавзуи таҳқиқот аз он бармеояд, ки рушди бомуваффақияти иқтисодиёти ҳар як кишвар ва суръати баланди рушд пешрафти бозори молиявӣ, густариши амалиёти молиявӣ, такмили хизматрасониҳои бонкӣ ва таҳкимёбии асбобҳои молиявиро дар бозори молиявӣ тақозо мекунад. Дар вазъияти рақобатнокӣ ва дарёфти роҳҳои истифодаи оқилонаи захираҳои қарзӣ, бонкҳоро зарур аст, ки барои устувории худ ва аз тарафи дигар, гирифтани даромади зиёд равиши дурусти хизматрасониҳо ва ҷалби мизоҷонро интихоб намоянд. Ба андешаи мо, бинобар аҳаммияти муҳимми

иқтисодӣ доштани низоми бонкӣ ва хизматрасониҳои он, масъала дар маркази диққати унвонҷӯ қарор гирифтааст.

Таҳкими хизматрасониҳои бонкӣ дар муҳити иқтисодии ҳар як мамлакат таҳия ва татбиқи стратегия ва қабули қарорҳои роҳбарияти бонкро тақозо мекунад. Дар натиҷаи афзоиши талабот ба хизматрасониҳои ташкилотҳои қарзӣ ва истифодаи максималии захираҳои қарзӣ, хавфи бонкиро ба вуҷуд меорад, ки бояд идоракунии онҳо дар ташкилотҳои қарзӣ ба таври мунтазам ва мақсаднок амалӣ карда шавад.

Бо ҳамин сабаб муҳим аст, ки масъалаи марбут ба хизматрасониҳои бонкӣ боз ҳам дақиқтар омӯхта шаванд. Ин масъала аҳамияти калони назариявӣ ва амалӣ дошта, дар назди илми иқтисодиёт ва рушди он вазифаҳои нав мегузорад ва баҳри рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистонро саҳми зиёд мегузорад. Маҳз масъалаҳои номбурда мубрамияти мавзуи Нуралиева Дилафруз Камоловнаро нишон медиҳад.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада.**

Дар самти таҳқиқотҳои илмӣ дастоварди муҳими кори диссертатсия ин навгониҳои илмӣ мебошанд, ки дар он тамоми муввафақиятҳо ва дастовардҳои таҳқиқотчӣ инъикос меёбанд. Дар навгониҳои илмии Нуралиева Дилафруз Камоловна низ дастовардҳои унвонҷу дар шакли фишурда инъикос ёфтаанд ва пешниҳодҳои зерини ҳамчун навгонии илмӣ мебошан:

1) унвонҷӯ тибқи афкори иқтисодии муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ асосҳои назариявию консепсияҳо бозори хизматрасониҳои бонкиро мавриди таҳқиқи қарор дода, давраҳои рушди бозори хизматрасониҳои бонкиро бо назардошти таҷрибаи хориҷӣ мушаххас намуд. Дар доираи ин, муаллиф пешниҳод намудааст, ки дар ҷараёни фаъолияти бозори хизматрасониҳои бонкӣ ва такмилёбии дастрасии аҳолӣ ба маҳсулотҳои бонкӣ инноватсия нақши асосиро мебозад ва дар ин асос нақши инноватсияро дар фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ низ баррасӣ кардааст. Ҳамчунин, қайд намудааст, ки аҳамияти технологияи муосири молиявӣ дар баландбардории сифати

хизматрасониҳои бонкӣ, васеъгардии доираи маҳсулотҳо бонкӣ ва таҳкимёбии хизматрасониҳои фосилавии бонкӣ беандоза буда, дар ҳамин асос, моҳияти инноватсия дар тақвияти фаъолияти бозори хизматрасониҳои бонкӣ ҳамчун таҳрикдиҳандаи минбаъдаи бозори хизматрасониҳои бонкӣ арзёбӣ карда шудааст;

2) аз тарафи муаллифи рисола мушаххас карда шудааст, ки инноватсия дар шароити муосири иқтисодӣ ба ҷараёни рақобатпазирии фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ таъсир расонида, таҳкими он раванди тақвиятёбии такшилотҳои қарзиро таҳрик мебахшад. Дар баробари ин, нақши хизматрасониҳоро дар баланд бардоштани мавқеи ташкилотҳои қарзӣ баррасӣ намуда, бо истифодаи усули HHI (Herfindahl–Hirschman Index) сатҳи рақобат дар бозори хизматрасониҳои бонкиро миёни ташкилотҳои қарзӣ ошкор гардонидааст. Инчунин, мушаххас намудааст, ки ҳиссаи зиёди дороиҳо ва сармояи низоми бонкӣ дар идораи 3 бонки тиҷоратӣ мебошад, ки ин аз нигоҳи баҳодиҳӣ тибқи усули HHI аз меъёри муқаррарнамуда тибқи усули мазкур зиёд мебошад;

3) унвонҷӯ баъд аз таҳқиқи амиқи масъалаи таҳқиқшаванда муаммоҳои бозори хизматрасониҳои бонкиро ошкор намуда, қайд кардааст, ки омилҳое, ки метавонанд ба ҷараёни фаъолияти бозори хизматрасониҳои таъсир расонанд, аз маърифати молиявии аҳолӣ, сифати хизматрасониҳои пешниҳодшаванда, инфрасохтори дастраскунии маҳсулотҳои бонкӣ, тартиби пешниҳоди хизматрасониҳо, мутобиқати хизматрасониҳо ба талаботи муштариён ва ғайраҳо иборат мебошанд. Ба фикри муаллиф, илова ба ин, таҳкими сифати хизматрасониҳои бонкӣ дар асоси рушди фаъолияти инноватсионӣ – рақамӣ, ба таври васеъ истифода намудани технологияи муосир, хизматрасониҳои фосилавӣ, PC-банкинг, интернет банкинг ва мобайл-бонкинг баҳогузорӣ шудааст;

4) дар заминаи таҳқиқ муаллиф муайян намудааст, ки баландбардории сифати хизматрасониҳо ва маҳсулотҳои бонкӣ аз рақобатпазирии ташкилотҳои қарзӣ ва талаботи муштариён вобаста буда, тақвият додани ин

омилҳо сифатро боз ҳам баланд мегардонад. Дар ин асос, баҳри боз ҳам баланд бардоштани сифати хизматрасониҳо усулҳои болобарии сифати хизматрасониҳои бонкӣ, баландбардории сатҳи эътимоднокӣ дар низоми бонкӣ, роҳандозии усулҳои муосири баҳодиҳӣ ба сифати хизматрасониҳои бонкӣ ва тақвияти менеҷменти бонкӣ дар раванди фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ тавсия гардидаанд. Инчунин, алгоритми махсуси таҳия ва татбиқи маҳсулоти нави бонкӣ, ки дар шароити муосири иқтисодӣ зарурӣ ба ҳисоб меравад, коркард шуда, мавқеи давлат ҳамчун институти махсус зимни тараққиёбии бахши бонкӣ баррасӣ гардидааст то, ки тибқи он муаммоҳои ҷойдошта бояд бартараф карда шаванд ва рушди устувори низоми бонкӣ таъмин гардад.

**4. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо**

Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти анҷомгардидаро пажуҳишҳои илмии олимони дохилию хориҷӣ, қонуну дастуруламал ва низомномаҳои соҳавӣ дар бар гирифта, бо ин восита натиҷаҳои назаррас дар самти тафсиру таъсири низоми бонкӣ ба иқтисоди муайян гардидаанд Ҳамчунин дар ин масъала ҷанбаҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии рушди хизматрасониҳои бонкӣ ва таъсири он ба рушди иқтисодиёт мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Ба воситаи таҳлили нишондиҳандаҳо роҳҳои ҳалли мушкилоти мавҷуда ба таври назариявӣ ва амалӣ баён гардидаанд.

Дар доираи таҷриба ва нуқтаи назари олимону коршиносон нишондиҳандаҳои бозори хизматрасониҳои бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ таҳлил гардида, натиҷаи назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар параграфҳои алоҳидаи таҳқиқоти диссертатсионӣ пешниҳод карда шудаанд, ки моҳияти ин масъаларо ба пуррагӣ инъикос карда метавонанд. Илова бар ин метавон гуфт, ки дар макотиби олии кишвар таҳқиқоти мазкурро дар доираи фанҳои “Фаъолияти бонкӣ”, “Амалиётҳои бонкӣ” ва “ Муомилоти пулӣ ва қарз” метавон ба донишҷӯён таълим дод.

**5. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.**

Вобаста ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот сохтор ва мундариҷаи диссертатсия муайян карда шуд. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, нуҳ зербоб, хулоса, 21 расм, 10 ҷадвал, 9 диаграмма, рӯйхати адабиёти истифодашуда аз 160 номгӯй иборат буда, дар ҳаҷми 183 саҳифа таҳия шудааст.

Нуралиева Дилафруз Камоловна дар муқаддима мубрамият, дараҷаи омӯзиши мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ асоснок гардида, ҳадаф, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот муайян карда шуда, муҳимтарин натиҷаҳои илмӣ ва навгонӣ, нуқтаи ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва монанди онҳо инъикос ёфтаанд.

Боби якуми рисолаи илмии Нуралиева Дилафруз Камоловна «Ҷанбаҳои назариявӣ-методологии ташаккули бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар иқтисодиёт", заминаҳои назариявию методии таҳқиқи бозори хизматрасониҳои бонкӣ, моҳият, вижагиҳо ва асосҳои ташкилию иқтисодии таъсири низоми бонкӣ ба рушди бахшҳои иқтисодиёт, марҳалаҳои рушди хизматрасониҳои бонкӣ дар Тоҷикистон ва ғайраро дар бар мегирад ва ин масъалаҳо метавонан мукаммалан қисмати назариявии рисолаи илмиро инъикос намоянд (саҳ 15-59).

Дар низоми бонкӣ яке аз механизмҳои асосие, ки дар доираи он як қатор мушкилотҳои ин соҳа бартараф ва ҳалу фасл карда мешаванд, ин хизматрасонии босифати бонкӣ мебошанд. Барои мукаммал баррасии намудани ҷанбаҳои назариявии масъалаи мазкур Нуралиева Дилафруз Камоловна асосҳои назариявию методии таҳқиқи рушди низоми бонкӣ ва хизматрасонии он, заминаҳои назариявию методии таҳқиқи рушди низоми бонкӣ, моҳият, вижагиҳо ва асосҳои ташаккули бозори хизматрасониҳои бонкӣ, Хусусиятҳо ва омилҳои истифодаи навгониҳо (инноватсия) дар бозори хизматрасониҳои бонкиро таҳлилу баррасӣ намуда, мавқеи худро бо як қатор дастовардҳои методӣ муайян намудаст. Ҳамзамон бо ин, муаллиф дар шароити густариши муносибатҳо миёни субъектони иқтисодӣ, тақвияти талаботи аҳолӣ ба хизматрасониҳо аз ҷанбаҳои асосие мебошанд, ки мавқеи бозори

хизматрасониҳоро дар иқтисодиёт нишон медиҳад. Бояд иброз дошт, ки дар баррасӣ ва таҳқиқи масъалаи мазкур муаллиф барои ташкили дурусти муҳити хизматрасонӣ ва бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар раванди густариши амалиёти молиявӣ ва таҳкимёбии асбобҳои молиявию иқтисодӣ нақши онро муайян намуда, рушди минбаъдаи онҳоро таҳқиқ намудааст (саҳ. 15). Яке аз муваффақиятҳои унвонҷӯ дар баррасии мавзӯи таҳқиқот ва боби якум албатта ин вижагиҳо ва асосҳои ташкилию хизматрасониҳои бонкӣ ва такмили сифати онҳо дар ҳамбастагӣ ба инноватсия, ки аз тарафи муаллиф дар шакли фарогир таҳқиқ шудааст ва қобили дастгирӣ мебошад.

Дар боби дуюми рисолаи илмӣ "Вазъи муосир ва тамоюли рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", таҳлили ҳолати муосири бозори хизматрасониҳои бонкӣ, тамоюли рушди рақамикунонии хизматрасониҳои бонкӣ дар бозори бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон, омилҳои таъсирбахш ба раванди фаъолияти бозори хизматрасониҳои бонкӣ мавриди таҳлил қарор гирифта шуда, дар он муаллиф ба як қатор натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст.

Дар боби дуюми рисолаи илмӣ муаллифи рисола бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, мавқеъ ва аҳамияти онро дар таҳкими иқтисоди миллӣ баланд ва муҳим арзёбӣ намуда, муайян намудааст, ки бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба солҳои қабл инкишоф ёфта истодааст ва зарурияти тақвияти ҷанбаҳои ташкилӣ – иқтисодии он пеш омадааст. Инчунин, иброз доштааст, ки фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ ва дар маҷмӯъ низоми бонкӣ дар иқтисодиёти кишвари мо аҳамияти махсусеро соҳиб гардидааст, ки метавонад дар равнақу ривоҷи бозори хизматрасониҳои бонкӣ ва иқтисодиёт таъсири амиқи худро гузорад (саҳ.62). Ҳамчунин дар параграфи мазкур таҳлили нишондиҳандаҳои меъёрӣ, шумораи бонкҳо, ташкилотҳои қарзӣ ва дигар воҳидҳои сохтории онҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шудааст, ки дар он соли 2022 нисбати соли 2018 муқоиса гардидааст, ки нишондиҳандаҳо ба андозаи назаррас кам гардидаанд. Қайд менамояд, ки соли 2018 дар низоми бонкии

Ҷумҳурии Тоҷикистон 79 адад ташкилоти қарзӣ амал мекард, нишондиҳандаи мазкур соли 2022 то ба ҳадди 64 адад, ва ё 18,9 фоиз коҳиш ёфтааст. Ба таври назаррас поён рафтани шумораи институтҳои молиявӣ-қарзии дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон амалкунанда бо омилҳои дохилӣ, берунӣ ва макроиқтисодӣ алоқаманд мебошад. Таъсири омилҳои бухронӣ ва беруниқтисодӣ ба ҷараёни фаъолияти низоми бонкӣ буд, ки шумораи ташкилотҳои қарзии амалкунанда таҷриҷан коҳиш ёфтааст. Илова ба ин, коҳишёбии босуръати шумораи ташкилотҳои қарзиро метавонем бо вазъи рақобатпазирии онҳо алоқаманд донем (саҳ. .65).

Иброз доштан зарур аст, ки коркардҳои муаллиф аз он нуқтаи назар қобили дастгирӣ мебошанд, ки он дар идомаи таҳқиқоти илмии худ шароит ва омилҳои асосии таъмини ҳамоҳангии рушди инноватсионӣ бо сатҳи рушди хизматрасониҳо, баландбардории сифати хизматрасониҳо дар низоми бонкии Тоҷикистонро мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст, ки ин масъаларо ҳамчун идомаи дастовардҳои муаллифӣ ҳисобидан мувофиқи мақсад мебошад.

Дар боби сеюми рисолаи илмии Нуралиева Д.К. “Самтҳои асосии мукаммалгардонии бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, такмили механизми баландбардории сифат ва таҳкими рақобатпазирии хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, татбиқи маҳсулотҳои нави бонкӣ дар бозори хизматрасониҳои бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон, стратегияи рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва як қатор масъала дигари ба ин масъала хосро мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор додааст, ки дар ошкорнамоии моҳияти мавзӯи интихобгардида мавқеи аосӣ доранд. Ёдовар шудан ба маврид аст, ки муаллиф таҳқиқи бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро гузаронида, таъсири омилҳои зиёди дохилӣ ва беруниро ба сифати хизматрасониҳои бонкӣ ва тақвияти он муайян намудааст. Инчунин, ба ақидаи ӯ масъалаи баландбардории сифати хизматрасониҳои бонкӣ бо роҳи тақвияти

рақобатпазирӣ, яке аз сабабҳои устуворгардонии мавқеи бонк дар бозор ба ҳисоб меравад (саҳ 127).

Гайр аз ин дар боби сеюми рисолаи илмии худ муаллиф роҳҳои тақвияти баландбардории сифати хизматрасониҳои бонкӣ дар Тоҷикистон ва тағйирдиҳӣ ва мукаммалгардонии маҳсулотҳо ва хизматрасониҳои бонкиро мавриди баррассӣ қарор дода, вобаста ба вазъиятҳои баамаломада ҳамчун таҷриба як қатор масъалаҳои дахлдорро таҳлил ва хулосаҳои дахлдор баровардааст. Ҳамчунин дар расми 3.10 консепсияи инкишофи бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро коркард ва пешниҳод намудааст, ки ин масъала ба мукаммалии анҷоми рисола мусоидати ҳаматарафа менамояд. (саҳ 152).

6. **Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.**

Иброз доштан зарур аст, ки дар шароити имрӯз масоили мубрами таҳқиқот ва арзишии илмии онро дар сатҳи ҳимояи рисолаҳои илмӣ нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ташкил медиҳанд. Илова бар ин аҳаммияти мустақили назариявӣ ва амалӣ дар таҳияи диссертатсияи Нуралиева Д.К., ки ҳамчун нуктаи ҳимояшаванда мебошанд, инҳоро ташкил медиҳад:

- Муаллиф дар асоси таҳқиқотҳои анҷомпазируфтаи олимони ватанӣ ва хориҷӣ вобаста ба моҳияти аслии хизматрасониҳои бонкӣ, маҳсулотҳои бонкӣ ва бозори онҳо дар иқтисодиёт кӯшиш намудааст, ки заминаи асосиро барои пажӯҳиш дар ин самт фароҳам оварад. Илова ба ин моҳияти иқтисодии “бозори хизматрасониҳои бонкӣ”, “маҳсулотҳои бонкӣ” ва “хизматрасониҳои бонкӣ” дар асоси консепсияҳои мавҷуда муайян гардида, мавқеи онҳо дар ҷараёни ташакули фаъолияти бозори хизматрасониҳои бонкӣ муайян карда шудааст ва ҷараёни ташаккули бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар шароити муосири иқтисодӣ таҳлил карда шуда, заминаи таҳаввулоти он дар асоси таҳқиқи таҷрибаи ҷаҳонӣ асоснок гардида, марказҳои таъсирбахш ба раванди рушди бозори хизматрасониои бонкӣ баррасӣ гардидаанд;
- Муаллифи рисола вазъи кунунии бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо назардошти омилҳои иқтисодӣ – иҷтимоии

таъсиррасон таҳлил намуда, тамоюли рушди самтҳои афзалиятноки он баҳо додааст ва дар ин асос бо истифодаи усулҳои муосир дараҷаи рақобатпазирии ташкилотҳои қарзиро муайян кардааст;

- Дар рисола ошкор карда шудааст, ки рақобат миёни ташкилотҳои қарзии бозори хизматрасониҳои бонкӣ бо шиддат афзоиш ёфта истодааст ва дар ин замина мушаххас гардидааст, ки танҳо тавассути истифодаи технологияи муосири инноватсионӣ ташкилотҳои қарзӣ имконият доранд дар бозор мавқеи устувори рақобатиро касб намоянд;

- Муаллиф дар натиҷаи баррасӣ, омӯзиш ва таҳқиқи ҳуҷҷатҳову барномаҳои стратегӣ, ки дар соҳаи бонкдорӣ амал менамоянд, ошкор намуд, ки бояд рақобатпазирии фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ коркард ва имкониятҳои тақвияти минбаъдаи он тавсия шуда, бо таҳлили ҳолати бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷанбаҳои асосии рушди минбаъдаи ин бозор муайян гардида, илман асоснок карда шудааст.

**7. Интишороти довталаб аз рӯйи мавзуи диссертатсия.**

Дар доираи мавзуи рисола муаллиф якчанд асари илмию таълимӣ, аз ҷумла 6 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар дигар нашрияҳо чоп кардааст.

**8. Арзёбии моҳияти диссертатсия, сатҳи комилии он, эродҳо доир ба шаклгирии диссертатсия.**

Дар хулосаи рисола ҳаминро қайд кардан зарур аст, ки дар шароити имрӯз мавзӯи интихобгардида аз ҳама нуқтаи назар муҳим, зарурӣ ва актуалӣ буда, таҳлилҳо, коркардҳои муаллиф ва дигар хулосаву натиҷаҳои бадастоварда мукаммалӣ ва ба пуррагӣ иҷро гардидани рисолаиро инъикос менамояд. Дар баробари ҳамаи ин бояд, қайд намуд агарчанде дар кори мазкур дастоварду муваффақиятҳо зиёд бошанд баъзе норасоиҳо низ ба назар мерасад, ки асоситарини онҳо иборатанд аз:

1. Дар боби якуми рисола беҳтар мегардид агар муаллиф заминаи бавуҷудоии хизматрасониҳои бонкиро аз нуқтаи назари таҳаввулотҳои дар ҷамъият бавуҷудомада мавриди таҳлил қарор медод.

2. Муаллифи рисола агар доир ба таҷрибаи муосири хориҷии истифодаи инноватсияи дар хизматрасониҳои бонкӣ таҳқиқот анҷом дода, ҷанбаҳои мусбати онро дар низоми бонкии мамлакат тавсия медод мувофиқи мақсад мегардид.

3. Солҳои таҳлилшаванда гуногун буда, ин муаллиф метавонист давраи аниқ (мисол солҳои 2017-2023)- ро мавриди баррасӣ ва таҳқиқ қарор медод. Таҳлил то соли 2022-ро дар бар мегирад, ҳол он ки маълумотҳои омории соли 2023 барвақт дастраси ҷомеа гардидааст.

4. Дар баъзе ҷадвалу диаграммаҳо соли таҳлилшаванда як солро ташкил медиҳанд, ки ин барои ба таври амиқ ва дуруст хулосабарорӣ намудани масъала мушкилӣ эҷод мекунад.

5. Дар кори таҳқиқотӣ бештар расмҳо оварда шудаанд, аммо беҳтар мегардид агар бештар тавассути ҷадвалу диаграммаҳо масъаларо таҳлил ва арзёбӣ менамуд.

6. Сифати кор беҳтар мегардид, агар муаллиф хулосаҳои худро дар заминаи факту рақамҳои овардашуда дар шакли дурнамо баён менамуд;

Бояд иброз намуд, ки эродҳои гирифташуда дар маҷмӯъ ҷиддӣ набуда аксари онҳо хусусияти тавсиявӣ доранд ва ба сифати диссертатсия таъсири манфӣ намерасонанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ бо ҳамаи** он марҳилаҳои тавсиявию банақшагирии рисола бо иштироки бевоситаи муаллиф, ба монанди интихоби мавзӯъ, асоснокқунӣ ва аҳамият, мақсад ва вазифаҳои тадқиқот гузаронида шуданд. Муаллиф таҳия ва санҷиши муқаррароти методологиро оид ба ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумотҳо, нишондиҳандаҳои асосии низоми бонкӣ ва бозори молиявиро анҷом дод.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА.** Диссертатсия ва автореферати диссертатсияи Нуралиева Дилафруз Камоловна дар мавзуи "Ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии рушди бозори хизматрасониҳои

бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07.- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз ба талаботи “Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия”, ки бо қарори раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳуриии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2022 таҳти №3 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

9. **Хулосаи ҷамъбастӣ оид ба сазовор донистани довталаб ба дараҷаи илмӣ.**

Иброз доштан зарур аст, ки диссертатсияи Нуралиева Дилафруз Камоловна дар мавзуи “Ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” дар сатҳи зарурии илмӣ омода гардида аз ҷиҳати мазмун ба талаботҳои “Тартиби додани дараҷаи илмӣ”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июли соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07.- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

**Муқаризи расмӣ:**
**д.и.и., дотсент, ректори**
**Донишгоҳи давлатии Данғара** **Хайрзода Ш.Қ.**

**Имзои Хайрзода Ш.Қ.-ро тасдиқ менамоям:**
**сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси ДДД** **Тоирзода С.Т.**

ШУЪБАИ КАДРҲО

**Суроға:**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон, н. Данғара**
**к. Маркази 25, ДДД**
**тел:** +992(83312)2-28-06
**Почтаи электронӣ:** dd_danghara@gmail.com
**Сомона**: www.dsu.tj